ҚАРОРИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

29 октябри 2026 - №162 ш. Душанбе

Суханронии Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ); тақризи муассисаи пешбар: МДТ "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ" суханронии муқарризони расмӣ: Сабурӣ Хайрулло Мирзозода - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ва Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек - доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, муовини декан оид ба илм ва инноватсияи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», муқрризони ғайрирасмӣ Каримзода М.Б., Обидова М.И., Раҳимзода Х.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвончӯ

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Давлатзода Фарзона Иброҳим дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои педагогӣ ба Давлатзода Фарзона Иброҳим аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Нафароне, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳастанд, хоҳишмандам овоз диҳанд.

Тарафдор – Ҳама.

Муқобил - Нест.

Бетараф - Нест.

Бо як овоз қабул шуд.

И.в. раиси ҷаласаи Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-030-и
назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҳимзода Х.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-030,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

29.10.2026

Имзои Раҳимзода Х. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.